**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

## ТАҚРИЗИ

муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Болтуева Машҳурахон Ёқубовна дар мавзуи **«Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**. Диссертатсияи Болтуева Машҳурахон Ёқубовна дар мавзуи «Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ» ва тамоми сохтори он ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мувофиқат намуда, таҳқиқоти илман анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар нимаи дуюми асри гузашта, пеш рафтани илму техника ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъият таъсири наззараси мусбӣ расонид. Зеро пешравии илму техника боиси афзудани фаъолияти эҷодии умум гардида натиҷаҳои фаъолияти зеҳнии онҳо мавқеи хосаи худро дар соҳаҳои гуногуни саноатӣ ишғол намуд. Бо пайдоиши аввалин технологияҳои компютерӣ дар асри XX, инсоният ба асри нави иттилоотӣ ворид гардид. Инчунин пайдоиш ва паҳншавии оммавии компютерҳои фардӣ дар солҳои 80-уми асри XX барномаҳои компютерӣ ба объекти истифодаи тиҷоратӣ табдил ёфта, ҳуқуқ ба онҳо ба муомилоти гражданӣ ба таври васеъ ворид гардид. Алакай чанд даҳсолаҳо мешавад, ки барномаҳои компютерӣ ба сифати объекти муносибатҳои молу мулкӣ баромад менамоянд. Бояд қайд намуд, ки бозори таъминоти барномавӣ яке аз бозорҳои сердаромадтарин ва пуршиддаттарин дар аксари кишварҳои ҷаҳон ба ҳисоб меравад, зеро дар чунин объектҳо то 5%-и маҷмӯи маҳсулоти дохилии давлатҳои пешрафтаро ташкил медиҳанд. Бо ташаккули бозори барномаҳои компютерӣ ва ҳамзамон пайдо шудани чунин падидае ба монанди нусхабардории пиратии барномаҳо, зарурати таъҷилии таъмини ҳифзи ҳуқуқии самараноки онҳо ба миён омад, ки боиси дар ҳуқуқи байналмилалӣ ва

қонунгузории миллии давлатҳо таҳкими меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳо оид ба истифода ва ҳифзи барномаҳои компютерӣ гардид.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи талабот ба диссертатсияҳо мутобиқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 муайян карда шудаанд, таҳия гардидааст.

Натиҷаҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ ҷанбаи илмию назариявӣ ва амалӣ дошта, барои такмили қонунгузорӣ дар ин самт, аз ҷумла ҳуқуқҳои муаллифӣ ба барномаҳои компютерӣ мусоидат менамоянд. Пешниҳод ва нуқтаҳои илмии диссертатсия ба таҳқиқоти назариявию объективӣ такя намуда, натиҷагириҳо асосноку боэътимоданд ва ба мулоҳиза ва хулосабарориҳои муаллиф асос ёфтаанд. Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки он яке аз аввалин таҳқиқотҳои диссертатсионии ба масъалаи барномаҳои компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи муаллифӣ бахшидашуда ба шумор меравад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия** дар он аст, ки андешаҳои муаллиф фаҳмишҳои илмии масъалаҳои ҳифзи барномаҳои компютериро дар ҳуқуқи муаллифӣ мукаммал гардонида, барои таҳқиқи минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма хизмат менамоянд.

Нуқтаҳо ва тавсияҳое, ки муаллиф дар диссертатсия баён намудааст, метавонад дар таҳияи қонунгузории амалкунанда, барномаҳои соҳавӣ, консепсияҳо, стратегияҳо, қонунҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ истифода шаванд.

Ба ҳимоя муқаррароти илмии зерин пешниҳод гардидаанд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода намуда, сазовори таваҷҷуҳ буда, мусбат арзёбӣ мегарданд:

1. Муносибатҳои ҳуқуқӣ ба ҳайси шарти ҳаракати усули мушаххасгардонӣ ва воситаи алоқамандсозии робитаҳои ҷамъиятӣ баромад мекунанд, ки онҳо дар навбати худ муносибатҳои ҷамъиятии дорои як қатор хусусиятҳо, маҷмӯи нишонаю аломатҳои махсусе мебошанд, ки ба туфайлашон он вазифаҳои мазкурро ба иҷро мерасонанд. Чунин вижагиҳои махсус ё аломатҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ аз инҳо иборат аст:

- ҳама гуна муносибатҳои ҳуқуқӣ доимо ҳамчун робитаи байни ашхоси мушаххас вуҷуд дорад;
- ҳама гуна муносибатҳои ҳуқуқӣ рафтори мутақобилаи иштирокдоронро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мустаҳкам менамояд;

- ҳама гуна муносибатҳои ҳуқуқӣ бо меъёрҳои ҳуқуқии давлатӣ танзим карда мешавад.

Ҳама гуна муносибатҳои ҷамъиятӣ бо водоркунии қувваҳои давлатӣ амалӣ мегардад.

2. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон номуайянии мафҳумҳои умумӣ–ҳуқуқӣ дар соҳаи барномаҳои компютерӣ, инчунин номгӯи услубҳои истифодабарии объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ мушоҳида мешаванд. Асоснок гардидааст, ки сарфи назар кардани кӯҳнашавии захираҳои истилоҳот ва истифодаи қолабҳои ҳуқуқӣ дар қонунгузорӣ, ба пайдоиши муаммоҳои ҳуқуқие оварда мерасонад, ки манфиати ҳамаи иштирокдоронро халалдор карда, ба рушди босифати техникию иқтисодии соҳа монеа мегардад.

3. Барномаҳои компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои маданӣ (объекти ҳуқуқи муаллифӣ) дар як вақт чун моли озод дар муомилоти маданӣ қарор гирифта баҳо дода мешаванд, ба ҷуз аз истисно, барномаҳои компютерӣ моли хусусияти хоса дошта ва унсури ҳатмии барои фаъолиятбарии компютер зарур буда, баромад менамояд. Кори барномаҳои компютерӣ тибқи ақидаҳои маъмул ҳамчун дигаргуншавии падидаҳои (сигналҳои) электронӣ ё худ объектҳои моддӣ баррасӣ мегардад. Вале, дар айни замон, шакли ифодаи сигнал (импулсҳои электромагнитӣ, импулсҳои шуой, дигаргуншавии ҳама гуна бузургиҳои физикӣ) аз назар дур мемонад. Танҳо мундариҷаи ахбору маълумоти ирсолшуда муҳим асту халос. Азбаски аҳаммияти сигналҳои такомули сигналҳо беэътибор мемонад, ҳодисаи омезиши мафҳумоти сигнали категорияи физикӣ ва сигнали категорияи ахборотӣ рӯй медиҳад. Чунин рӯйдодҳо боиси мухолифатҳои зерини қонунгузорӣ мегарданд. Аввалан, ҳар як барномаи компютерӣ метавонад ҳамчун раванди татбиқи ҳаракате аз болои объектҳои (сигналҳои) моддӣ бо ёрии воситаҳои моддии бо забони барномарезӣ баёнгашта баррасӣ шавад, ки ин бо ихтироъ, яъне тарзи иҷро айният дорад, ҳарчанд ки барномаҳо аз қатори объектҳои патентпазир хориҷ шудаанд. Сониян ҳар як барномаро ҳамон вақт донистан мумкин аст, ки қонунгузории ватанӣ байни барнома ва соҳиби он фарқият дида, ба он мустақиман ишора мекунад ва ба соҳиб гаштани ҳуқуқ боиси гузаштани ҳуқуқ ба барнома намегардад. Ҳамин тавр, даромехтани сигналҳо чун категорияҳои мухобиротӣ ва чун категорияи физикӣ бо баррасии сигналҳои аз тарафи барномаҳои компютерӣ ба сифати объектҳои моддӣ коркардашаванда боиси зиддияти воқеӣ мегарданд. Барои роҳ надодан ба зиддияти сигналҳои бо ёрии барномаҳои компютерӣ коркардшаванда, мувофиқи мақсад аст, ки воҳидҳои мухобиротӣ ба сифати объектҳои ғайримоддӣ баррасӣ гарданд. Аз ин нуқтаи назар баррасӣ кардани сигналҳо имкон медиҳад, ки

зиддиятҳои мазкур аз мавқеи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ бартараф карда шаванд.

4. Барномаҳои компютерӣ барои дарки бевосита муқаррар нашудаанд. Онҳо метавонанд танҳо дар раванди кори компютер зери назораташон айнан дарк карда шаванд. Ин фаъолият ба муқаррароти истилоҳи «иҷро кардан» пурра мувофиқат мекунад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» гуфта шудааст: «Ба иҷро расонидан – намоиши асар, фонограмма, намоиш, қироат, сурудхонӣ, рақси «зинда» ё тавассути техникаҳо (намоиши телевизионӣ, радио–шунавонӣ, телевизиони кабелӣ ва воситаҳои техникии дигар); намоиши лаҳзаҳои асарҳои муоинашаванда дар пайдарҳамӣ». Ҳамин тавр, кори компютер бо манзур намудани ахборот тибқи барнома бояд ҳамчун «иҷро» баррасӣ шавад. Дар натиҷа имкони маҳдудсозии усулҳои патентнопазири коркарди ахборот аз объектҳои ҳуқуқи патентӣ, ба мисли тарзҳои тасвири ба даст овардани ин ё он манфиати техникӣ ба вуҷуд меояд.

5. Ба муносибати рушди дастгоҳи истилоҳот, пешниҳод менамоем, ки бар ивази истилоҳи куҳнашудаи «барномаи МЭҲ», ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт гардидааст, истилоҳи «барномаи компютерӣ» қабул карда шавад, ки дар амалияи байналмилалӣ маъмул буда, хусусияти умумиистеъмолӣ дошта, табиати объектро бештару беҳтар ифода менамояд.

6. Барномаи компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи муаллифӣ дар худ нишонаҳои барояш номуқаррарӣ, ҷузъҳои аз тарафи ҳуқуқи муаллифӣ ҳифзнашавандае ба мисли назарияи илмӣ, консепсия, осори илмиро фаро мегирад. Барои барномаи компютерӣ тафриқаи консептуалӣ бо осори бадеӣ хос аст. Қонунгузории аксар давлатҳо барномаҳои компютериро шомили объекти ҳуқуқи муаллифӣ медонанд. Аммо бо осори бадеӣ баробар донистани он на чандон асоснок аст. Дар барномаи компютерӣ барои муайян намудани таносуби он бо алгоритм, бояд алгоритмро дар шакли объективӣ барои коркарди мухобирот баррасӣ кард, ки бо дастгоҳ иҷро карда мешавад.

7. Дар назарияи хуқуқи маданӣ ақидае мавҷуд аст, ки барномаи дар ҳамлак (носитель) сабтшуда як навъ вижагии муфиде дорад ва дар навбати худ ин ё он манфиатро таъмин менамояд, ки ҳосилаи компютер аст. Дар асоси он хулоса карда мешавад, ки ҳамлакро ба намуди блоки дастгоҳи патентпазире қабул бояд кард, ки ба туфайли хусусиятҳои муфидаш компютерро барои ба даст овардани натиҷаи муайяне идора мекунад. Чунин нуқтаи назар баҳснок ҳам ҳаст, зеро он далелеро сарфи назар менамояд, ки кори компютер ба тавре бо барномаи мушшахас вобаста аст, ҳамлак бошад, танҳо вазифаи миёнаравро иҷро намуда,

навъи он аҳаммияти ҷиддие надорад. Ба ғайр аз ин баъди оғози истифодаи кори барномаи компютерӣ дар хотираи компютери барномаи ҳамлакдошта аз он ҳамлакро безарар ҷудо кардан мумкин аст, ки ин бори дигар аз унсури ёрирасони барнома буданаш дарак медиҳад.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Тамоми дастовардҳои илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд. Бояд иброз намуд, ки муаллиф андешаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ низ барои хонандагон манзур намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти рисола, махсусан нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, асоси кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти рисоларо корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳад. Асосҳои методологии таҳқиқоти рисоларо усулҳои диалектикии дарк, усулҳои умумиилмӣ ба монанди таҳлил, синтез, ҷамъбаст, инчунин усули таҳлили қисматҳо, усули мушоҳида ва тафсири бевосита ташкил медиҳанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Мавзуи мазкур аҳаммияти илмӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта, натиҷаҳои бадастомадаи муаллиф дар ин самт барои рушди соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа мусоидат менамояд.

Махсусан, муаллиф нуктаҳои муҳимро пешниҳод намудааст, ки онҳо барои такмили низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асос мегузорад. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф дорои аҳаммияти илмӣ-амалӣ буда, метавонанд дар раванди таълим ҳангоми машғулиятҳои дарсӣ аз фанни ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи муаллифӣ истифода бурд. Инчунин маводҳои диссертатсионӣ метавонанд зимни таҳқиқоти дигари илмӣ, ки ба мавзӯи ҳуқуқи муаллифӣ ва объектҳои он алоқамандии зич доранд мавриди корбарӣ қарор гирад.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 14 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 адади онро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 9 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Унвонҷӯ вобаста ба мавзуи интихобнамудааш дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ, семинарҳои илмии сатҳи гуногун ва дигар чорабиниҳои илмӣ баромад намуда, инчунин дар амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқии ҶТ фаъолона иштирок намудааст.

**Ба талаботи КОА мутобиқ будани барасмиятдарории диссертатсия.** Рисолаи мазкур вобаста ба ном ва нақшаю сохтор, муҳтаво, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ мебошад. Он аз 3 боб, 6 зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 188 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи диссертатсия, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, объект ва предмети таҳқиқоти илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия асоснок ва баррасӣ гардидааст.

Боби аввали диссертатсия «Барномаи компютерӣ ҳамчун объекти танзими гражданӣ–ҳуқуқӣ» ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад. Дар он масъалаҳои мафҳум ва мундариҷаи барномаи компютерӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ, мавқеи барномаҳои компютерӣ дар байни объектҳои ҳуқуқи маданӣ ва масъалаҳои методологии барномаи компютерӣ ҳамчун объекти моликияти зеҳнӣ таҳлил гардидааст (саҳ. 19-80).

Боби дуюми диссертатсия «Ҳифзи ҳуқуқии барномаи компютерӣ» – аз се зербоб иборат буда, дар он масъалаҳои мафҳуми низоми воситаҳои ҳифзи гражданӣ–ҳуқуқии барномаи компютерӣ, ҳифзи ҳуқуқӣ-муаллифии барномаи компютерӣ ва ҳифзи ҳуқуқӣ–патентии барномаи компютерӣ баррасӣ карда шудааст (саҳ. 81-143).

Дар зербоби сеюми боби дуюм – «Ҳифзи ҳуқуқӣ–патентии барномаи компютерӣ» – зикр шудааст, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ мубоҳисаҳо дар атрофи ҳифзи барномаи компютерӣ бо ҳуқуқи муаллифӣ ё имконот ва мувофиқати истифодаи ҳифзи патентии ҳуқуқ идома дорад. Инчунин дар ин боб қайд карда мешавад, ки низоми ҳуқуқи иҷозатномавии ҳифзи объектҳои моликияти зеҳнӣ танҳо ба объектҳои моддӣ нигаронида шудааст (саҳ. 144-157).

Дар маҷмуъ тартиби дурусти ҷобаҷогузории бобҳо ва пайдарҳамии масъалаҳо дар зербобҳо риоя гардидааст.

Дар хулоса муаллиф тамоми масъалаи таҳқиқшавандаро натиҷагирӣ намуда пешниҳодҳои илман асоснокро манзур намудааст, ки онҳо аҳаммияти муҳими илмию назариявӣ дорад.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Умуман, мазмуни таҳқиқоти диссертатсиониро дар сатҳи баланд баҳо дода, бояд як қатор эродҳо ва норасогиҳоро қайд намуд:

1. Муаллиф дар зербоби 1 боби 1 диссертатсия адабиётҳои ҳуқуқиро оид ба барномаи компютерӣ таҳлил намуда якчанд нуктаҳоро қайд менамояд, ки саволҳоро ба вуҷуд меорад.

1.1 Дар саҳифаи 68 диссертатсия муаллиф қайд менамояд, ки "…. …. …….. барномаи компютерӣ чун объекти ҳуқуқи муаллифӣ баррасӣ намешавад, зеро он бе иштироки одам маълумоте дода наметавонад". – Оё "бе иштироки одам надодани маълумот аз тарафи барономаи компютерӣ" ин аломати объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ мебошад?

1.2 Дар саҳифаи 69 диссертатсия муаллиф қайд менамояд, ки "…. ….. …….. барномаи компютерӣ тибқи хусусиятҳои ҳуқуқиаш бояд на ба объекти ҳуқуқи муаллифӣ, балки ба объекти моликияти зеҳнӣ мансуб дониста шавад." – Чунин нуқтаи назари муаллиф ба оқибати ҳуқуқӣ оварда расониданаш мумкин аст, зеро чунин тасдиқоти диссертант ба фикре бурда мерасонад, ки гӯё ҳуқуқи муаллифӣ ба сифати институти ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ баромад намекунад. Тамоми объектҳои ҳуқуқҳои муаллифӣ дар навбати худ ба сифати объекти ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ баромад мекунад. Дар ин ҷо ба диссертант тавсия дода мешавад, ки робитаи байни ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ҳамчун зерсоҳаи ҳуқуқи маданӣ ва инстутҳои онро ба монанди ҳуқуқӣ муаллифӣ, ҳуқуқи патентӣ, воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни мумоилоти маданиро дуруст ба роҳ монад.

1.3 Дар саҳифаи 69 диссертатсия муаллиф қайд менамояд, ки "азбаски барномаи компютерӣ аз лиҳози хусусиятҳои ҳуқуқӣ нисбат ба ҳуқуқи муаллифӣ ба объектҳои моликияти саноатӣ наздиктар аст, онро мансуби объектҳои моликияти саноатӣ донистан лозим аст.". – Дар ин ҷо бошад муаллиф барномаи компютериро ба объекти моликияти саноатӣ мансуб донистааст на ба объекти моликияти зеҳнӣ. Савол ба вуҷуд меояд чаро чунин тасдиқот дар пешниҳодҳои 6 муаллиф барои ҳимоя пешкаш нашудааст?

1.4 Дар диссертатсияи мазкур шартномаҳои байналхалқӣ, аз ҷумла моддаи 10 Созишномаи ТРИПС, моддаи 2 Конвенсияи Берн (с. 1971), моддаи 4 Созишномаи СУМЛ (ВОИС), ки ба масъалаи барномаҳои компютерӣ бахшида шудаанд таҳлил карда нашудаанд.

2. Диссертант дар пешниҳоди 3 барои ҳимоя қайд менамояд, ки "Барномаҳои компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои маданӣ (объекти ҳуқуқи муаллифӣ) дар як вақт чун моли озод дар муомилоти маданӣ қарор гирифта баҳо дода мешаванд". Дар ин ҷо бояд қайд намуд, ки барномаи компютерӣ ҳамчунин неъмати ғайримоддӣ мазмуни иқтисодӣ дошта ва шакли молро доро намебошад. Бинобар сабаби неъмати ғайримоддӣ будани барномаи компютерӣ, он бегона карда намешавад. Ба сифати объекти шартномаҳои дахлдор ҳуқуқи истисноӣ (молу мулкӣ) ба барномаи компютерӣ баромад мекунад на барномаи компютерӣ ҳамчун неъмати ғайримоддӣ.

Эродҳо ва норасоиҳое, ки дар боло қайд шудаанд, дар умум ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозад ва танҳо шаҳодати он мебошад, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани таҳқиқоти илмӣ мебошад.

**Қисмати хотимавии тақриз - хулоса.** Рисолаи мазкур аз лиҳози мубрамият, ном ва нақшаи мавзуъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо, пайдарҳам бо услуби илмӣ таҳия гардидааст. Дар он ақидаҳои гуногуни илмӣ ва қонунгузорӣ таҳлил гардида, хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои муфид ҷиҳати такмили қонунгузорӣ манзур шудааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи **Болтуева Машҳурахон Ёқубовна дар мавзуи «Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ»,** ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он **Болтуева Машҳурахон Ёқубовна** сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Сидиқов Д.А.

«Имзои Сидиқов Д.А.–ро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳои
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

4.09.2023г

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода Тел.: (+992 237) 227 67 40. E–mail: kafedra.grazhdanskaya@mail.ru